i

***ТДУ 657.1.012.1***

# МУАММОҲОИ ҲИСОБГИРИИ САРМОЯИ ХУДӢ ДАР ҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ

***Собирова Мавзунахон Даврончоновна,*** *асистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ПРОБЛЕМЫ УЧЕТА СОБСТВЕННОГО КАПИТАЛА В ФИНАНСОВОМ УЧЕТЕ

***Сабирова Мавзунахон Давронджоновна,*** *ассистент кафедры бухгалтерского учета, ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# ACCOUNTING FOR EQUITY IN FINANCIAL ACCOUNTING

***Sobirova Mavzunakhon Davronjonovna,*** *assistant of the department of accounting TSULBP (Tajikistan, Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сармоя, сармояи худӣ, ҷамъияти саҳомӣ, арзиши номиналӣ, саҳмияи эълоншуда, баҳисобгирии сармояи худӣ, ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобҳои баҳисобгирӣ*

*Дар мақола муаммоҳои муосири баҳисобгирӣ бо ёрии усули иштироки ҳиссагӣ дар ҳисобгирии молиявӣ таҳқиқ гардида, камбудиҳои мавҷудаи низоми мазкур ошкор карда шудаанд. Баҳисобгирии муҳосибии сармояи худии эълоншуда ё пардохтшуда таҷдиди назар ва методикаи баҳисобгирии он тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва таҷрибаи ватанӣ таҳқиқ карда шудааст. Хулоса шудааст, ки дар оинномаи ҷамъиятҳои саҳомӣ баробари андозаи сармояи оинномавии паҳншуда арзиши номиналӣ ва намудҳои саҳмияҳои эълоншударо нишон додан мувофиқи мақсад мебошад.*

***Ключевые слова:*** *капитал, собственный капитал, акционеров общество, номинальная стоимость, объявленная акция, учет долевого участия, финансовая отчетность, бухгалтерский учет, бухгалтерские счета*

*В статье рассматриваются современные проблемы учета методом долевого участия в финансовом учете и выявляются существующие недостатки системы учета методом долевого участия. Переработан учет объявленного или оплаченного собственного капитала, исследована методика его учета в соответствии с требованиями международных стандартов финансовой отчетности и отечественной практики. Сделан вывод о целесообразности указания в уставе акционерных обществ номинальной стоимости и типов объявленных акций наряду с размером уставного капитала.*

***Key words:*** *capital, equity, joint stock company, nominal value, announced action, equity accounting, financial reporting, accounting, accounting accounts*

*The article discusses modern problems of accounting using the equity method in financial accounting and identifies the existing shortcomings of the accounting system using the equity method. The accounting of declared or paid equity capital has been reworked and the methodology for its accounting has been studied in accordance with the requirements of international financial reporting standards and domestic practice.It is concluded that it is advisable to indicate in the charter of joint stock companies the nominal value and types of authorized shares along with the size of the authorized capital.*

Алҳол, омили асосии арзёбии муваффақ будани фаъолияти корхона низоми баҳисобгирии ташаккулёфта дар ҷодаи идоракунии корхона ба ҳисоб меравад. Барои мунтазамии фаъолияти корхона ба истифодарандагон саривақт ба даст овардан ва минбаъд самаранок истифода бурдани иттилоот, ки дар баҳисобгирӣ аз руи объектҳои ҳисобгирӣ ташаккул ёфтааст, зарур аст. Яке аз объектҳои муҳимми баҳисобгирии муҳосибӣ сармояи худӣ ба шумор меравад.

И.Н. Богатая таъкид мекунад,ки “Қабули ҳама гуна қарорҳои идоракунӣ ба моликият таъсир мерасонад ва он дар асоси маълумоти дар низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ташаккулёфта амалӣ мешавад”[1,с.301].Вобаста ба ин, зарурати такмили асосҳои назариявӣ ва амалии баҳисобгирии сармояи худӣ ба миён меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баҳисобгирии сармояи худӣ дар асарҳои олимони ин соҳа Бобоев М.У., Мирзоалиев А.А., Каримов Б.Ҳ., Раҳимов С.Х., Хушвахтзода Қ.Х. ва дигарон баррасӣ гардидааст. Аммо ин масъалаи дар асарҳои олимони мазкур ба таври умумӣ баррасӣ гардидааст. Ба ибораи дигар масъала мавриди назар аз диди илми муҳосибот ба таври бояду шояд ба риштаи таҳлил кашида нашудааст. Дар таҳқиқи баҳисобгирии сармояи худӣ

олимони хориҷа, ба монанди О.В. Алексеева, И.Н. Богатая, П.С. Безруких, М.А. Вахрушина, Е.М. Евстафьева, Н.П. Кондраков, Я.В. Соколов, В.И. Ткач, В.Ф. Палий, А.Д. Шеремет ва дигарон, саҳми назаррас гузоштаанд. Таҳқиқоти илмӣ-методии олимон асосан ба рафъи камбудиҳои мавҷудаи низоми баҳисобгирии сармояи худӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла:

- ✓ мавҷуд набудани танзими стандарти баҳисобгирии сармояи худӣ ва меъёри мафҳуми “сармоя” ва “сармояи худӣ”;
- ✓ мавҷуд набудани усули ягонаи методикаи баҳисобгирӣ ва арзёбии сармояи худӣ дар доираи низоми муосири баҳисобгирӣ;
- ✓ муқоиса намудани маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ, истифодаи усулҳои гуногуни баҳисобгирӣ, арзёбии дороӣ ва уҳдадориҳо ба таҳрифоти маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ;
- ✓ таърихӣ будани иттилооти пешниҳодшаванда оид ба захираҳои худии корхона, ҳисоботи молиявӣ маълумоти воқеъаҳои (ҳодисаҳои) гузашта;
- ✓ баҳисобгирии молиявӣ дақиқ оид ба боҳамалоқамандии омилҳои дохилиро инъикос менамояд, таъсири омилҳои беруна, ба динамикаи сармояи худӣ.

Камбудиҳои мазкур дар низоми баҳисобгирии корхонаҳо низ ҷой доранд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми баҳисобгирӣ имконият намедиҳад, ки иттилооти мубрам ва босифат оид ба сармояи худии корхонаҳо ташаккул ёбад. Ҳамин тавр, истифодабарандагонро зарур аст, ки самаранок истифода намудани маълумотҳои баҳисобгирӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунӣ маҳдуд намояд. Вобаста ба ин, зарурати гузаронидани таҳқиқот ва коркарди тавсияҳо бо мақсади усулҳои баҳисобгирии сармояи худӣ ба миён меояд.

Асоси низоми баҳисобгириро ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ташкил медиҳанд, ки ҳамаи намудҳои баҳисобгириро бо иттилоот таъмин менамоянд. Истифодабарандагони иттилооти ибтидоӣ ҳуҷҷатҳоро ягона ё мустақилан аз тарафи корхона таҳияшуда баромад мекунанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ баҳисобгирии ҷузъӣ, куллӣ ва ҷамъбастии сармояи худии корхона ба роҳ монда мешавад. Ҳуҷҷатҳои ибтидоии асосӣ оиди баҳисобгирии сармояи худӣ дар расми 1. оварда шудааст.




**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

***Расми 1.Ҳуҷҷатҳои ибтидоии асосӣ оиди баҳисобгирии сармояи худӣ***

Барои баҳисобгирии сармояи худӣ дар “Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ” ва “Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ”[2] ҳисобҳои зерин пешбинӣ шудаанд (расми 2.)

Барои ҷамъбасти иттилоот оид ба ҳолат ва ҳаракати сармояи худии корхона дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисоби 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномави)” пешбинӣ шудааст. Андозаи сармояи худӣ, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос ва дар тавозуни муҳосибӣ дарҷ карда мешавад, бояд бо маълумоти ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мувофиқат намояд. Бояд байни маблағи дар оинномa эълоншуда ва маблағи дар баҳисобгирии муҳосибӣ дарҷгардида фарқ ҷой надошта бошад. Андозаи сармояи худӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ зери таъсири амалиётҳои ҷорӣ тағйир намеёбад. Тасҳеҳи андозаи сармояи худӣ танҳо дар ҳолатҳо ва тартиби дар қонунгузорӣ ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинишуда иҷозат дода мешавад [2].




*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

***Расми 2. - Ҳисобҳо барои баҳисобгирии сармояи худии корхона***

Одатан сармояи худӣ аз тарафи муассисон саривақт ва пурра пардохт нашуда, дар давраи маҳдуднамудаи қонунгузорӣ пардохт карда мешавад. Вобаста ба ин сармояи худӣ метавонад ба қисмҳои пардохтшуда ва пардохтнашуда тақсим шавад. Сармояи худии пардохтшуда маблағи ҳақиқии аз муассисон ба ҳисоби саҳмашон воридшударо ифода мекунад [3,с.318].

Сармояи худии пардохтнашуда қарздории муассисонро дар назди корхона оид ба саҳми онҳо дар бар мегирад.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ як чанд омилҳо вобаста ба масъалаи инъикоси сармояи худӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ҷой дорад. Аксари олимони хориҷӣ, ба монанди Х. Андерсон, Д. Колдуэлл, Б. Нидлз, Э.С. Хендриксен, Р. Энтони, Ҷ. Рис ва дигарон бар он ақидаанд, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ сармояи худиро дар баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо дар ҳаҷми пардохтшуда инъикос кардан мумкин аст. Вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии ташаккули сармояи худӣ, дар шакли эълоншуда ё пардохтшуда ба ҳайси объекти баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ мегардад. Чунин раванд дар корҳои олимони хориҷаи наздик, ба монанди Н.Г. Волков, Г.Я. Киперман, В.А. Луговой, В.Ф. Палий, В.Т. Слабинский, Я.В. Соколов, А.Н. Хорин, ва ватанӣ Мирзоалиев А.А., Расулов Д.Т., Хушвахтзода Қ.Х. ва дигарон истифода шудааст. Олимон оид ба ҳалли масъалаи мазкур равишҳои гуногунро баррасӣ намуда, бар он ақидаанд, ки вобаста аз эмиссияи ибтидоӣ ё иловагӣ ва аз шарти уҳдадориҳои шартномавии тарафайн оид ба обуна ба саҳмияҳо дар як вақт ҳарду равиши инъикоси сармояи худӣ ҷой дошта метавонад:.

Ҳоло баҳисобгирии сармояи ойинномавӣ дар ҳисоби тавозунии пассивии 33000 "Сармояи эълоншуда (оинномави)" бо пешбинӣ намудани ҳисобҳои тартиби дуюм, 33010 "Саҳмияҳои оддӣ", 33020 "Саҳмияҳои имтиёзнок", 33030 "Сармояи барилова пардохтшуда", 33090 "Саҳмияҳои худии бозхаридшуда" ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи методологияи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда[4] дар ҳисобҳои 33010 «Саҳмияҳои оддӣ» ва 33020 «Саҳмияҳои имтиёзнок» амалиётҳо оид ба ташаккул ва зиёдшавии сармояи оинномави мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорро ба танзим медоранд, инъикос карда мешаванд. Дар ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» барои дар ҳисобгирӣ инъикос намудани арзиши иловашудаи моликияте, ки ба соҳибмулкии шахси ҳуқуқи, иштирокчиён (муассисон) ва саҳомон ҳамчун пардохти ҳиссаи худ дар сармояи оинномавӣ, ба арзиши номиналии саҳми онҳо ё арзиши номиналии саҳмияҳои харидоринамудаи онҳо гузаронида шудааст. Ҳисоби 33030 «Сармояи барилова пардохтшуда» барои дар ҳисобгири инъикос намудани арзиши иловашудаи моликияте, ки ба соҳибмулкии шахси ҳуқуқӣ, иштирокчиён (муассисон) ва саххомон ҳамчун пардохти ҳиссаи худ дар сармояи оинномави, ба арзиши номиналии саҳми онҳо ё арзиши номиналии саҳмияҳои харидоринамудаи онҳо гузаронида шудааст. Ҳисоби 33090 «Саҳмияҳои худии бозхаридшуда» барои баҳисобгирии харид ва фурӯши саҳмияҳои худии ба муомилот баровардашудаи ҷамъиятҳои саххоми пешбини гардидааст.

Бояд қайд кард, ҳисоби 33090 барои ҳисобҳои 33010 «Саҳмияҳои одди» ва 33020 «Саҳмияҳои имтиёзнок» ҳисоби контрарӣ ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки Нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ташкили баҳисобгирии сармояи худиро вобаста ба ҳисобҳои дар боло

овардашуда, ба ақидаи мо, аз як тараф, бартарии функсии иқтисодиашро нисбат ба ҳуқуқияш бартараф намуд, аз тарафи дигар бошад, сатҳи иттилоотнокии маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибиро баланд намуда, ба истифодабарандагони иттилоот оид ба сохтори сармояи ойинномавӣ шароит фароҳам овард.

Чунин ба назар мерасад,ки барои баланд бардоштани сатҳи таҳлилии баҳисобгириии муҳосибӣ ва ҳисобот, инчунин беҳтар намудани ҳамкории байни мақомоти идоракунии корхона вобаста ба идоракунии сармояи худӣ ба ҳисобҳои 33010 “Саҳмияҳои одди” ва 33020 “Саҳмияҳои имтиёзнок” ҳисобҳои тартиби сеюми таҳлилӣ (фамилия, ном, номи падар ва соҳибмулкони он, мувофиқи дорандаи феҳрист (реестр) кушода шаванд. Дар ин росто, ба ҳисобҳои 33010 “Саҳмияҳои одди” ва 33020 “Саҳмияҳои имтиёзнок” ҳисобҳои тартиби сеюм аз руи намуди саҳмияҳои пахнкардашудаи барориши муайян ва ҳисоби баҳисобгирии таҳлилӣ аз рӯи соҳибмулкони саҳмияҳои паҳнкардашуда тибқи феҳристи саҳмдорон кушода мешавад.

Ҳамин тавр, чунин тарзи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ аз руи ҳисоби 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)” муҳтавои ҳуқуқии сармояи оинномавиро коҳиш надода, иттилоотро оид ба моликони саҳмия таъмин менамояд ва ҳуқуқи онҳоро дар тақсим намудани фоида таъмин месозад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи моддаҳои 17, 18 ва 25 боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ҳангоми ташаккули сармояи оинномавӣ се намуди саҳмия ҷой дорад:

а) саҳмияи паҳнкардашуда, ки саҳмдорон харидаанд;

б) саҳмияҳои эълоншуда - мувофиқи оинномаи ҷамъият саҳмияҳои муқаррашуда, ки ҷамъият ҳуқуқ дорад иловатан ба саҳмияҳои паҳншуда, паҳн намояд;

в) иловатан паҳн намудани саҳмияҳои паҳннамуда [5,с.133].

Бояд тазаккур дод, ки агар маблағи умумии арзиши номиналии саҳмияҳои паҳннамуда бо андозаи сармояи оинномавӣ баробар бошад, он гоҳ объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ба шумор меравад. Маблағи умумии саҳмияҳои эълоншудаи – ин бузургии шартии андозаи имконпазири ояндаи сармояи оинномавии ҷамъият, ки дар оинномаи он дарҷ гардидааст, ба ҳисоб меравад. Бо ин сабаб саҳмияҳои эълоншуда ба сифати объекти баҳисобгирии муҳосибӣ баромад карда наметавонанд. Истифодаи мафҳуми “саҳмияи эълоншуда” ҷараёни эмиссияи саҳмияи иловагиро сабук мегардонад. Андозаи эмиссия дар доираи миқдори саҳмияҳои эълоншуда имконпазир аст, вале қарор оиди зиёд намудани сармояи оинномавӣ метавонад аз ҷониби аз шурои умумии саҳмдорон қабул карда мешавад [6,с.149].

Тавре ки дар боло зикр намудем, андоза ва миқдори саҳмияҳои эълоншуда, саҳмияҳои паҳннашуда барои ҷамъият як намуд захираи эмиссияи иловагии саҳмия дар оянда ба шумор меравад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки ҷамъиятҳои саҳомӣ баробари андозаи сармояи оинномавии паҳншуда дар оинномаи арзиши номиналӣ ва намудҳои саҳмияҳои эълоншударо низ нишон диҳанд.

Ба ақидаи мо, чунин маълумот дар ҳисоботи молиявии ҷамъияти саҳомӣ бояд нишон дода шавад. Бинобар ин, андозаи саҳмияҳои эълоншуда, вале паҳннашударо дар ҳисоби контрпассивии тартиби дуюм 33091 “Саҳмияҳои эълоншудаи паҳннашуда” ба ҳисоби 33090 “Саҳмияҳои худии бозхаридшуда” бо арзиши номиналиаш инъикос карда шавад. Ба ҳисоби контрпассивии тартиби дуюм 33091 “Саҳмияҳои эълоншудаи паҳннашуда” пешниҳод карда мешавад, ки ҳисоби тартиби сеюм (ҳисоби таҳлилӣ) барои баҳисобгирӣ вобаста аз сабаби баромади сармояи оинномавӣ пеш бурда шавад:

- обунаи пардохтнашуда ё саривақт пардохт накардани саҳмия аз тарафи муассисон, ки сабаби мусодираи саҳмия гардидааст;
- саҳмияҳои худии бозхаридшуда аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ, ки ба гирифтани сармоя оварда мерасонад. Чунин тартиби баҳисобгирии сармояи пардохт нашуда дар нақшаи ҳисобҳои Украина пешбинӣ шудааст.

Барои муайян намудани андозаи ҳақиқии сармояи худӣ ҳангоми ташкили ҷамъияти саҳҳомӣ сармояи обуна аз тарафи муассисон пардохт карда нашавад ба ақидаи мо баҳисобгирии он дар ҳисоби тартиби дуюм 33091 “Саҳмияҳои эълоншудаи паҳннашуда” ба ҳисоби 33090 “Саҳмияҳои худии бозхаридшуда” ташкил карда шавад [7,с.211].

Сармояи обунавии аз тарафи муассисон пардохт карда нашуда дар баҳисобгирӣ дар гурӯҳи сармояи обунаи паҳннамуда дар ҳисоби пешниҳоднамудаи 33091 “Саҳмияҳои эълоншудаи паҳннашуда” инъикос карда шавад [8,с.84].

Дар баробари ин, аз баҳисобгирии он дар ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ», ки барои ҷамъбасти иттилоот оиди ҳисоббаробаркунии субъект бо иштирокчиён (муассисон) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномави пешбини шудааст, даст кашидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Зеро ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи самҳҳо ба сармояи оинномави» функсияи танзимкунандаро нисбат ба ҳисоби 33000 "Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)" иҷро намекунад, дар баробари ин, онро ба инобат гирифт, ки ҳисоби мазкур ҳамчун ҳисоби "ҳисоббаробаркунӣ" гуруҳбандӣ шудааст ва наметавонад вазифаи дар наздаш гузошташударо иҷро кунад.

Ҳамин тавр, зерҳисоби контрпассивии тартиби дуюми 33091 "Саҳмияҳои эълоншудаи паҳннашуда" ба ҳисоби 33090 "Саҳмияҳои худии бозхаридшуда" имконият медиҳад, ки дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот андозаи ҳақиқии сармояи оинномавӣ инъикос карда шавад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Богатая, И.Н. Стратегический учет собственности предприятия/И.Н.Богатая.-Ростов-на-Дону, Феникс, 2001. - 301 с.
2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 41 [Манбаи электронӣ] / URL:http://minfin.tj.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 170; с. 2008, №10, мод. 812; с. 2009, № 5, мод. 318, №7-8, мод. 496; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; с. 2016, №11, мод. 890)
4. План счетов бухгалтерского учета активов, капитала, обязательств и хозяйственных операций предприятий и организаций и Инструкцию о применении Плана счетов бухгалтерского учета активов, капитала, обязательств и хозяйственных операций предприятий и организаций / Приказ Министерства финансов Украины от 30 ноября 1999 года N 291
5. Дадоматов, Д. Н. Методические подходы к формированию бухгалтерского учета в управлении уставным капиталом в коммерческих организациях / Д. Н. Дадоматов, Б. М. Кузибаева, М. Д. Собирова // Вестник Педагогического университета. Естественные науки. – 2021. – № 3-4(11-12). – С. 133-138.
6. Дадоматов, Д. Н. Инновационное предпринимательство путь к рыночной экономике страны / Д. Н. Дадоматов // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 3-2(64). – С. 149-151.
7. Сабирова, М.Д. Элементи уставного капитала их определения и классификация/М.Д.Сабирова//SCIENTIFIC COLLECTION «INTERCONF»/№41-С. 211-217
8. Мирзоалиев, А. А. Капитал государственных некоммерческих учреждений: особенности отражения в отчетности согласно МСФО / А.А. Мирзоалиев, М.Н. Бобишоев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2021. – № 4-1(38). – С. 84-94.
9. Низомов, С. Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С. Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран
10. Центральной Азии. – 2015. – № 2-1(9). – С. 216-221.


**REFERENCES:**


1. Bogataya, I.N. Strategic accounting of the property of the enterprise. Rostov-on-Don, Phoenix, 2001. - 301 p.
2. Plan of accounting accounts of financial-economic activity of economic entities and Methodical instructions on implementation of the plan of accounting accounts of financial-economic activity of economic entities. Order of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan dated May 27, 2011, No. 41 [Electronic source] / URL: http://minfin.tj.
3. Law of the Republic of Tajikistan "On joint-stock companies" (News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2007, No. 3, art. 170; p. 2008, No. 10, art. 812; p. 2009, No. 5, art. 318 , No. 7-8, Article 496; P. 2010, No. 1, Article 9, No. 12, paragraph 1, Article 816; P. 2011, No. 12, Article 844; P. 2016, No. 11, article 890)
4. Dadomatov, D. N. Methodical approaches to the formation of accounting records and management of statutory capital in commercial organizations / D. N. Dadomatov, B. M.

Kuzibayeva, M. D. Sobirova // Bulletin of the Pedagogical University. Natural sciences. – 2021. – No. 3-4(11-12). P.133-138.

5. Dadomatov, D. N. Innovative enterprise path to the market economy of the country / D. N. Dadomatov // Vestnik Pedagogicheskogo universiteta. – 2015. – No. 3-2(64). P.149-151.
6. Dadomatov, D. N. Factors affecting the development of entrepreneurial activity in the industry of regions of Tajikistan / D. N. Dadomatov // Tajikistan and the modern world. – 2016. – No. 5(55). P.132-141. – EDN ZRQGBJ.
7. Sabirova, M.D. Element of statutory capital, definition and classification // SCIENTIFIC COLLECTION "INTERCONF" | No. 41- S. 211-217
8. Nizamov, S. F. The problem of implementation of IFRS in Tajikistan and the way to overcome it / S. F. Nizamov, M. Shobekov // Izvestiya Issyk-Kulskogo forum of accountants and auditors of Central Asia. – 2015. – No. 2-1(9). P.216-221.
9. Nizamov, S. F. Problems and ways to improve accounting and auditing in digital economy / S. F. Nizamov, G. M. Rakhimov // Vestnik Tajik State University of Commerce. - 2022. - No. 2(41). - P.168-179.